# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академиям миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).

«15» 04 2024. ш. Душанбе

Диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» тадқиқоти мустақилона анҷомдодаи муаллиф ба шумор рафта, натиҷаҳои илмию назариявӣ ва амалии он дар такмили низоми идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат мекунанд. Таҳқиқоти анҷомшуда дорои унсурҳои навгонии илмӣ буда, дар он муаллиф як қатор натиҷаҳо ва муқарраროти илмиеро ба даст овардааст, ки аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудаанд. Маҷмӯи таълифоти илмӣ ва таҳқиқоти анҷомшуда ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии менеҷменти раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шуда, дар корҳои илмию таҳқиқотии муаллиф таҷассум ёфтаанд.

Диссертатсия ба талаботи санадҳои меъёриву ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияву пешниҳодоти муаллиф дорои навовариҳои илмӣ мебошанд.

1. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯй мебошад. Таҳқиқоти анҷомшуда фарогири масоили марбут ба такмили менеҷменти ташкилотҳои кишоварзӣ буда, дорои натиҷаҳои эътимоднок мебошад.

2. Сохтори диссертатсия ба талаботи муқарраргардида пурра мувофиқ буда, таҳқиқот дорои навгониҳои илмӣ мебошад. Унсурҳои навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда сахми бевоситаи муаллифро дар таҳқиқи мавзуи мазкур нишон медиҳанд.

Кори диссертатсионии пешниҳодшуда ба мавзуи мубрам бахшида шуда, дар он самтҳои асосии такмили менеҷменти раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок карда шудааст.

3. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мазмун ва натиҷаҳои илмӣ ба шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050700

Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6DKOA-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мувофиқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №17/ш.д. ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мавзуи диссертатсия иртибот доранд. Дар интишороти илмӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Шумораи умумии маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

5. Дар матни диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Акрамова Бибималика Акбаровна маълумоти ғайрисаҳеҳ аз ҷумла дар корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошанд.

Комиссияи экспертии шуро мутобиқи банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба Шурои диссертатсионии 6DKOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Мутахассисони зерин ба сифати муқарризи расмӣ таъйин карда шаванд:

- Пиризода Ҷалил Сафар - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академик, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

- Кузибаева Бароат Муротбоева - н.и.и., дотсенти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад;

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор — Рауфӣ А.

Аъзоёии комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор — Мирсаидов А.Б.

доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор — Садридинов С.